ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Эҳсон Хуршед Рӯзибой дар мавзуи «Ҳиссомезӣ ва мутаноқизнамоӣ дар ғазалиёти Мирзо Абдулқодири Бедил» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.15. Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ. – Душанбе, 2026.

Санъатҳои шеърӣ яке аз воситаҳои муҳим ва асосии шоиронагии калом, чи дар адабиёти классикии гузашта ва чи дар адабиёти муосири тоҷик ба ҳисоб мераванд. Маҳз тавассути онҳо шоир метавонад ба сухан рангу тобиши тоза бахшида, андешаҳои худро дар қолаби тасвирҳои муассир, маъниҳои гуногунпаҳлу ва ифодаҳои ҳунарӣ ба хонанда пешниҳод намояд. Санъатҳои бадеӣ дар баробари ороиши зоҳирии калом, пеш аз ҳама, воситаи офаридани маънӣ, амиқтар сохтани муҳтаво, тақвияти таъсиргузории сухан ва ифодаи вижагиҳои тафаккури эҷодии шоир мебошанд. Ин хусусият дар жанри ғазал, ки бо фишурдагии баён, фарогирии маъноҳои гуногун ва имконоти васеи тасвирӣ фарқ мекунад, бештар ба назар мерасад.

Таърихи адабиёти форсии тоҷикӣ нишон медиҳад, ки бо пешрафти таҷрибаи эҷодӣ ва тағйир ёфтани хусусиятҳои сабкии шеър, имконоти истифодаи санъатҳои сухан низ пайваста густариш ёфтаанд. Ҳамзамон, донишҳои назарии адабиётшиносӣ ва балоғат низ дар марҳалаҳои гуногуни таърихӣ инкишоф ёфта, барои шинохт, номгузорӣ, таърифу таснифи падидаҳои бадеӣ замина фароҳам овардаанд. Бинобар ин, на ҳамаи воситаҳои тасвирие, ки дар амалияи эҷодии шоирони классикӣ истифода мешуданд, дар китобҳои суннатии балоғат бо истилоҳи мустақил ва таърифи мушаххас сабт гардидаанд. Баъзе падидаҳои бадеӣ дар доираи санъатҳои маъруф шарҳу тавзеҳ ёфта, бархеи дигар бо мурури замон ва дар натиҷаи таҳаввули донишҳои назарӣ ҳамчун санъатҳои мустақил шинохта шудаанд. Ҳиссомезӣ ва мутаноқизнамоӣ аз зумраи ҳамин гуна санъатҳои бадеӣ ҳастанд. Аз ин рӯ, интихоби мавзуи «Ҳиссомезӣ ва мутаноқизнамоӣ дар ғазалиёти Мирзо Абдулқодири Бедил» аз тарафи диссертант Эҳсон Хуршед Рӯзибой дар адабиётшиносии имрӯзи тоҷик аз аҳаммият ва арзиши махсус бархурдор аст.

Мирзо Абдулқодири Бедил аз ҷумлаи шоирони барҷастаи адабиёти форсии тоҷикӣ буда, дар такомули сабки ҳиндӣ саҳми бузург гузоштааст. Мураккабии андеша, тозагии хаёл, иртиботҳои ғайримаъмулӣ байни ашёву падидаҳо, фаровонии таркибҳои маъноии пурбор ва нигариши фалсафию ирфонӣ ба ҳастӣ аз хусусиятҳои асосии осори ӯ мебошанд. Бо назардошти ин хусусиятҳо, таҳқиқи ҳиссомезӣ ва мутаноқизнамоӣ дар ғазалиёти Бедил аҳаммияти хосса пайдо мекунад. Ҳарчанд намунаҳои ин ду падида дар осори шоирони пешин низ ба назар мерасанд, дар ғазалиёти Бедил онҳо аз лиҳози

басомад, мураккабии сохтор ва имконоти маъноӣ ба сатҳи баланди ҳунарӣ расидаанд. Бо вуҷуди ин, то замони анҷом ёфтани таҳқиқоти мазкур масъалаи хусусиятҳои сохторӣ, навъҳо, вазифаҳои бадеӣ ва нақши сабксозии ин ду падида дар ғазалиёти шоир ба таври мустақил ва фарогир мавриди баррасии адабиётшиносии тоҷик қарор нагирифта буд. Аз ин рӯ, мавзуи диссертатсияи Эҳсон Хуршед Рӯзибой на танҳо аз ҷиҳати бедилшиносӣ, балки аз нигоҳи назарияи адабиёт, бадеъшиносӣ ва сабкшиносӣ низ мубрам буда, дорои арзиши назариявию амалӣ мебошад.

Аз муҳтавои автореферат бармеояд, ки муаллиф дар раванди таҳқиқ масъалаи мавриди назарро аз ду ҷиҳати ба ҳам алоқаманд, яъне заминаҳои назарию истилоҳӣ ва хусусиятҳои амалии корбурди санъатҳои мазкур дар ғазалиёти Бедил, мавриди омӯзиш қарор додааст. Қобили зикр аст, ки диссертант кӯшиш намудааст, ки сохтор, навъҳо, хусусиятҳои маъноӣ ва вазифаи онҳоро дар низоми бадеии ғазалиёти шоир муайян намояд. Чунин муносибат барои ошкор намудани вижагиҳои фардии сабки Бедил ва муайян кардани саҳми ин ду санъат дар ташаккули тасвирҳои шоирона аҳаммияти муҳим дошта, талошу ҷустуҷӯҳои илмии муаллифро нишон медиҳад.

Дар муқаддимаи диссертатсия масъалаҳои асосии таҳқиқ, аз ҷумла мубрамияти мавзуъ, дараҷаи омӯзиши он, мақсаду вазифаҳо, объект ва предмети пажуҳиш, навгонии илмӣ, аҳаммияти назариявию амалӣ ва методҳои истифодашуда баён гардидаанд.

Боби якуми диссертатсия ба масъалаҳои назариявии ҳиссомезӣ ва мутаноқизнамоӣ бахшида шуда, аз чор фасл иборат аст. Муҳтавои ин боб нишон медиҳад, ки диссертант барои муайян намудани асосҳои назарии таҳқиқ пеш аз ҳама ба таърихи омӯзиши санъатҳои мазкур ва таҳаввули истилоҳии онҳо таваҷҷуҳ намудааст. Дар ин боб ҷустуҷӯҳои илмии муаллиф дар мавриди чароии вуҷуд надоштани ҳиссомезию мутаноқизнамоӣ дар осори балоғиёни классики форсии тоҷик ӯро ба ин натиҷа овардааст, ки аз мантиқи илмӣ бархурдор аст: “Ин ду ороя ҳанӯз ба сурати имрӯзӣ ташаккул ва такомул наёфта буданд ва дар дохили саноеъе мисли истиора ва тазод вуҷуди камранге доштанд. Ин нукта ба сайри таърихии башар ва ба пайравии он илмҳои назарии башарият аз сода ба мураккаб марбут аст. Бо пешрафти донишҳои назарӣ дар мавриди назарияҳо ва падидаҳо ҷустуҷӯи бештаре сурат мегирад ва аз ҳар бахши дониши инсоният шоху баргҳои нав берун меояд” [автореферат, с. 15].

Баррасии вежагиҳои сохторӣ, балоғӣ ва маъноӣ дар ғазалиёти Бедил мавзуи баҳси боби дуюми кор “Баррасии ҳиссомезӣ дар ғазалиёти Мирзо Абдулқодири Бедил” аст. Муаллиф дар ин боб хусусиятҳои корбурди ҳиссомезиро аз ҷиҳатҳои гуногун таҳлил намуда, сипас ба таснифи навъҳои

он бар асоси таркиби ҳисҳо мегузарад. Чунин пайдарҳамии таҳқиқ имкон медиҳад, ки аввал хусусиятҳои умумии ин падида муайян гардида, баъдан шаклҳои мушаххаси зуҳури он дар ғазалҳои шоир мавриди баррасӣ қарор гиранд.

Дар ин бахш заҳмати муаллиф дар ҷамъоварӣ, ҷудо намудан ва таҳлили намунаҳои шеърӣ қобили таваҷҷуҳ мебошад. Зеро муайян намудани муносибати байни ҳисҳои гуногун дар ғазалиёти Бедил на танҳо дониши назарӣ, балки маҳорати хуби фаҳму дарки забону баёни хоссу печидаи шоирро талаб мекунад, ки муаллиф дар иҷрои он муваффақ шудааст.

Боби сеюми диссертатсия ба таҳқиқи мутаноқизнамоӣ дар ғазалиёти Бедил ихтисос дорад. Дар фасли аввали он хусусиятҳои корбурди мутаноқизнамоӣ, муносибати он бо дигар санъатҳои бадеӣ, сохтор ва мазмунҳои меҳварии ин падида таҳлил шудаанд. Муаллиф таваҷҷуҳи худро ба он равона кардааст, ки мутаноқизнамоӣ дар ашъори Бедил чӣ гуна ба воситаи ифодаи андешаҳои мураккаби фалсафию ирфонӣ ва баёни мазмунҳои гуногуни дур аз хаёл табдил меёбад. Дар фасли дуюми боби сеюм масъалаи вижагиҳо ва омилҳои сабксозии мутаноқизнамоӣ баррасӣ гардидааст. Муаллиф нишон медиҳад, ки ин санъат дар ғазалиёти Бедил илова бар он ки воситаи эҷоди тасвирҳои ғайримуқаррарӣ мебошад, дар ташаккули низоми маъноии ғазалиёт ва ифодаи ҷаҳонбинии хоси шоир низ нақши муҳим бозидааст.

Ҳамин тариқ, натиҷагириҳо ба таври хулоса дар 14 банд оварда шуда, ҳар яке дар заминаи андешаҳои илмӣ ва таҳлилҳои анҷомшуда асоснок гардидааст.

Дар маҷмуъ, муҳтавои автореферат нишон медиҳад, ки диссертант масъалаи мавриди назарро бо риояи пайдарҳамии мантиқӣ аз ҷанбаҳои назариявӣ то таҳлили матни бадеӣ мавриди омӯзиш қарор додааст. Аз ҷумла, кӯшиши муаллиф дар муайян намудани навъҳои ҳиссомезӣ, таҳлили хусусиятҳои маъноии мутаноқизнамоӣ ва ошкор намудани нақши ин ду падида дар ташаккули сабки фардии Бедил аз ҷиҳатҳои мусбати таҳқиқ ба ҳисоб меравад. .

Дар баробари ин, чанд ҷанбаи мусбати дигари автореферати диссертатсия инҳоянд:

– мавзуи таҳқиқ аз лиҳози назарияи адабиёт ва бедилшиносӣ дорои навоварӣ буда, яке аз масъалаҳои камомӯхтаи адабиётшиносии тоҷикро фаро мегирад;

– муаллиф ба таҳқиқи падидаҳои мавриди назар ҳам аз ҷиҳати назарӣ ва ҳам дар заминаи матни аслии шеър пардохтааст;

– истифодаи нашрҳои муътабари осори Бедил барои таҳлили шоҳидҳои шеърӣ ва асоснокии натиҷаҳо аҳаммияти махсус дорад;

– таснифи навъҳои ҳиссомезӣ бар асоси таркиби ҳисҳо барои муайян намудани хусусиятҳои сохтории ин падида заминаи илмӣ фароҳам овардааст;

– баррасии мутаноқизнамоӣ дар робита бо дигар санъатҳои бадеӣ ва мазмунҳои фалсафию ирфонии ғазалиёт ба ошкор намудани вазифаи маъноии он мусоидат кардааст;

– муайян намудани нақши ҳиссомезӣ ва мутаноқизнамоӣ дар ташаккули хусусиятҳои сабксозии ғазалиёти Бедил аз аҳаммияти назарии таҳқиқ шаҳодат медиҳад.

Дар баробари дастовардҳо дар автореферати диссертатсияи Эҳсон Хуршед Рӯзибой баъзе норасоиҳо ба назар расиданд, ки ислоҳи онҳо ба фоидаи кор хоҳад буд. Аз ҷумла:

1. Дар саҳифаи 8-уми автореферат ифодаи “сабки корбурди онҳо” омадааст, истифодаи “тарзи корбурди онҳо” дар ин маврид муносибтар менамояд.
2. Дар автореферат баъзе ғалатҳои имлоӣ ва техникӣ ба назар мерасанд (масалан, дар сах. 17).
3. Дар мавриди санъати мутаноқизнамоӣ гуфта мешавад, ки он дар ғазалиёти шоир бештар аз 940 бор истифода шудааст. Ба мақсад мувофиқ мебуд, ки миқдори истифодаи (ҳаддиақал тақрибии) ҳиссомезӣ ҳам дар ғазалиёти Бедил зикр мешуд.

Эродҳои мазкур бештар хусусияти тавсиявӣ дошта, ба арзиши автореферат таъсири ҷиддӣ намерасонанд ва зуд ислоҳпазиранд.

Дар фарҷом бояд таъкид намуд, ки диссертатсияи Эҳсон Хуршед Рӯзибой дар мавзуи «Ҳиссомезӣ ва мутаноқизнамоӣ дар ғазалиёти Мирзо Абдулқодири Бедил» ба таҳқиқи яке аз ҷанбаҳои муҳимми ҳунари бадеии намояндаи барҷастаи адабиёти классикии форсии тоҷикӣ бахшида шуда, аз ҷиҳати интихоби мавзуъ, доираи масъалаҳои баррасишуда ва натиҷаҳои бадастомада дорои аҳаммияти муайяни илмӣ мебошад. Муаллиф бо такя ба маводи фаровони шеърӣ ва истифодаи равишҳои мувофиқи таҳқиқӣ тавонистааст, хусусиятҳои сохторию маъноӣ ва вазифаи бадеии ду санъати муҳимро дар ғазалиёти Бедил муайян намояд. Натиҷаҳои таҳқиқ метавонанд дар оянда барои омӯзиши назарияи санъатҳои бадеӣ, таърихи адабиёти классикии форсии тоҷикӣ, бедилшиносӣ ва сабкшиносӣ истифода шаванд.

Дар умум, автореферати диссертатсияи Эҳсон Хуршед Рӯзибой дар мавзуи «Ҳиссомезӣ ва мутаноқизнамоӣ дар ғазалиёти Мирзо Абдулқодири Бедил» мазмуну муҳтавои асосии таҳқиқотро инъикос намуда, аз анҷом ёфтани пажуҳиши мустақилонаи илмӣ шаҳодат медиҳад. Он ба ба талаботи

Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Тартиби барасмиятдарории диссертатсия, автореферати диссертатсия ва дигар маводди илмӣ ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.15. Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ мебошад.

Муқарриз:
доктори илми филология, директори
генералии Муассисаи давлатии
«Муҷтамаи ҷумҳуриявии осорхонаҳои Кӯлоб» Асозода Ҳ. Р.
« 9 » ноябри соли 2026.

Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Кӯлоб, хиёбони Исмоили Сомонӣ, 10.
Телефон: (+833-22) 2-26-01; факс: 227-15-10.
E-mail: hamadoni@mail.ru

Имзои Асозода Ҳотам Раҷабро тасдиқ мекунам:
сардори бахши кадрҳои Муассисаи давлатии
«Муҷтамаи ҷумҳуриявии осорхонаҳои Кӯлоб» Имомназарзода З. Б.

Суроға: 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Кӯлоб, хиёбони Исмоили Сомонӣ, 10.
Телефон: (+833-22) 2-26-01;

« 9 » ноябри соли 2026.